## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба дисертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст**

### Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Интиҳои асри XX ба таърихи бисёр халқу миллатҳо, аз ҷумла ба таърихи халқи тоҷик тағйироти куллӣ ворид кард. Гардиши таърих ба онҳо соҳибистиқлолӣ ато намуд.

Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифт. Зеро ин роҳи ягонаи дуруст мебошад, ки бо он қадам ба қадам пеш рафта, дар радифи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон мақоми арзанда ишғол кардан мумкин аст.

Дар бунёди давлати демократию дунявӣ мақоми театрҳои касбӣ бағоят бузург аст. Зеро дар тамоми кишварҳои дунё театрҳои касбӣ ба сифати як нерӯи ниҳоят пуриқтидори маънавии ҳаёти ҷомеа шинохта ва эътироф шудаанд.

Дар ин раванд диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” саривақтӣ буда, аҳамияти илмӣ, амалӣ ва тарбиявӣ дорад.

Унвонҷӯ мубрамияти мавзуи таҳқиқотро асоснок намуда, қайд менамояд, ки таърихи ташкилшавӣ ва рушду нумӯи театрҳои касбии вилояти Хатлон бо мӯҷиби баъзе омилҳо то имрӯз норавшан буда, дар пажӯҳиши таърихи онҳо як қатор проблемаю муаммоҳо мавҷуданд. Вале, хушбахтона, даврони истиқлол имкон дод, ки таърихи рушди театрҳои касбии вилояти Хатлон дар алоҳидагӣ ва дар маҷмуъ мавриди таҳқиқоти хосаи илмӣ қарор гиранд. Ба назари мо, таҳқиқ ва баррасии илмии ин мавзуъ саривақтӣ буда, ба рушди минбаъдаи театрҳои вилоят мусоидат хоҳад намуд. Зеро фаъолияти театрҳои

касбии вилояти Хатлон (солҳои 1991 – 2021) то кунун ҳамчун таҳқиқоти ҷудогонаи таърихӣ мавриди баррасӣ қорор нагирифта буд.

Аз ин рӯ, пажӯҳиши маҷмӯии фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол ва баррасии марҳилаҳои рушду такомули онҳо мубрамияти таҳқиқоти рисолаи мазкурро ташкил медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада**

Навгонии илмии рисола дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои бойгонии Вазорату муассисаҳои давлатӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шуда, таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Шуравӣ мавриди таҳқиқоти маҷмуӣ қарор гирифтанд. Илова бар ин, хусусиятҳои вазифавии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ муайян гардида, иштироки театрҳои касбии вилоят дар Фестивал - озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ обективона арзёбӣ гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертасиониро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардаи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, мусоҳибаи муаллиф бо коршиносон, намояндагони барҷастаи соҳаи санъат ва фарҳанги вилоят ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Мазмун ва муҳтавои назариявии рисола, бахусус дастовардҳои фарҳангиро метавон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таълифи қисматҳои таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, омода намудани китобу дастурҳои таълимӣ ва курсҳои махсус аз рӯи ихтисоси санъати театрӣ дар муассисаҳои таълимии

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо мақсади беҳтар намудан ва ба талаботи замони нав ба роҳ мондани фаъолияти театрҳои касбӣ, ҳангоми коркарди масоили мубрами театрҳо ва таҳия намудани сохтор ва самтҳои фаъолияти минбаъдаи ин муассисаҳо аз тарафи Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия.**

Дар муқаддима мубрамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқот баён гардида, дараҷаи омӯзиши масъала тавзеҳ дода шуда, аҳаммияти назариявӣ, навгониҳои таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, аҳаммияти амалии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он мушаххас баён карда шудааст.

Боби якум диссертатсия "Вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол" ба масъалаҳои таърихи ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шӯравӣ, вазъи театрҳои касбии вилоят дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии театрҳои касбӣ бахшида шудааст.

Муаллиф зебоби "Аз таърихи ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ" – ро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки масъалаи таъсис ва ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ иҷмолан таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст. Зимни баррасии он унвонҷӯ қайд

менамояд, ки театр яке аз шаклҳои нави маданият буда, дар амалӣ шудани талаботҳои низоми нави ҷамъиятӣ нақши муҳим дошт.

Шиносои бо диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб ба номи Сайдалӣ Ализода соли 1936 дар заминаи дастаи ҳаваскорони санъати Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ташкил ёфта, дар шакли дастаи худфаъолият амал мекард.

Сипас дар асоси қарори Шурои Комиссарияти Халқии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 1938 таҳти № 433 ба театри мусиқӣ - драмавӣ табдил ёфтааст.

Унвонҷӯ зербоби мазкурро ҷамъбаст намуда, таъкид менамояд, ки дар замони Шуравӣ муаасисаҳои театрӣ яке аз шохаҳои муҳимми фаъолияти идеологии роҳбарияти собиқ вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа буд. Ин солҳо театрҳои касбӣ ва халқӣ инчунин дигар муассисаҳои фарҳангӣ бун.д гардиданд, ки дар онҳо чорабиниҳои фарҳангӣ бо ҷалби васеъи мардум гузаронида мешуданд. Фаъолияти ин муассисаҳои фарҳангӣ сол аз сол дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва маънавиёти мардум нақши муҳим дошт. Агар дар солҳои 30 – 40-уми асри ХХ масоили асосӣ дар вилояти Хатлон ин бунёди муассисаҳои театрӣ буд, пас дар солҳои 40 – 80-ум мавзуи рушди ин муассисаҳо, аз ҷумла маблағгузорӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг ҳаллу фасл мешуданд.

Унвонҷӯ дар бораи вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сухан ронда барҳақ менависад: “баъди ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ, мутаассифона Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт. Ин ҷанг дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба фаъолияти театрҳои касбӣ низ таъсири манфӣ расонид. Таҷзияи гурӯҳҳои ҳунарии кишвар монеиривоҷи фарҳанги театрӣ гардид. Авзои иҷтимоӣ буҳрони маънавиро ба бор овард. Теъдоди тамошобинони театр коҳиш ёфт. Новобаста аз вазъи сиёсии кишвар

гурӯҳҳои ҳунарӣ батадриҷ фаолияти худро идома доданд. Ҷои намоишномаҳои рӯзмарраву маишӣ ва мазҳакаро асарҳои публисистӣ, зеҳниву ақлӣ ва таърихӣ гирифтанд.”

Дар диссертатсия бо далелҳои раднопазир нақши Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар беҳтаршавии фаъолияти театрҳои касбии вилоят инъикос гардидааст.

Унвонҷӯ масъалаи саҳми Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи театрҳои касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар беҳтар гардидани соҳаи фарҳанг, густариши маънавиёти ҷомеа таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки театрҳои касбии вилоят тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ниёзҳои маънавии аҳолиро таъмин намуда, фазои фарҳангии кишварро пурра гарданида, ҳунари миллии моро хориҷ аз кишвар низ муаррифӣ менамуданд. Дар даҳсолаи сеюми соҳибистиқлолӣ театрҳо зиёда аз сад намоишномаҳои драмавӣ аз рӯи асарҳои драматургони ватанию хориҷӣ, барномаҳои консертӣ ва композитсияҳои адабӣ-мусиқӣ таҳия намуда, ба намоиш гузоштанд.

Боби дуюми диссертатсия “Инкишофи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят” фарогири масъалаҳои сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ, рушди фаъолияти минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, иштироки театрҳои касбии вилоят дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ мебошад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки сиёсати фарҳангии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодию созандаи халқ, боло бурдани ифтихори миллӣ, устувории

сулҳу субот, якпорчагию якдигарфаҳмӣ, густариши худшиносии миллӣ ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон асосманд шудааст.

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки бо дарки моҳияти сиёсию иҷтимоии фарҳанг дар фосилаи кӯтоҳи таърихӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи санадҳои муҳимеро қабул намуд, ки бо шарофати онҳо дар кишвар барои эҳё, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ фазои мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам омад.

Унвонҷӯ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг" диққати махсус зоҳир намуда, моҳият ва мазмуни онро чуини шарҳ додааст: "Дар Қонун ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи фарҳанг, роҳҳои истифодаи арзишҳои фарҳангӣ, имконоти таъсиси муассисаҳои нави фарҳангӣ ва ҳунарӣ, шаклҳо ва намудҳои фаъолияти онҳо муайян шудаанд. Мақсади асосии қонун, ин таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон дар фаъолияти фарҳангӣ, додани кафолати ҳуқуқӣ ба фаъолияти озоди фарҳангии иттиҳодияҳои шаҳрвандон, муайян кардани принсипҳо ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ ва муайян кардани сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг аст."

Дар зербоби "Рушди фаъолияти минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ" масъалаҳои фаъолияти касбии вилоят дар ибтидои асри XXI таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Омӯзиш ва таҳлили зербоби мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳунармандони театрҳои касбии вилоят новобаста аз мушкилиҳои солҳои пешин дар оғози асри XXI фаъолияти худро дар ҷодаи ҳунар бо қадамҳои устувор оғоз намуда, ҳам аз ҷиҳати сатҳи касбӣ ва ҳам аз ҷиҳати репертуари бойю рангини худ дар қатори театрҳои касбии бонуфузи ҷумҳурӣ шомил гардиданд.

Дар диссертатсия ба фаъолияти Театри Кӯлоб ва Театри мусиқӣ – мазҳакавии Қурғонтеппа ва репертуарҳои онҳо маълумоти амиқ дода шудааст.

Бояд гуфт, ки бо ташкили давлати соҳибистиқлол сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш ва кумаку дастгириҳои ҳамешагии давлату ҳукумат, рушди ин соҳа зина ба зина беҳтар гардид. Муассисаҳои номбурда ҳоҷату хостаҳои фарҳангии сокинонро ба тадриҷ таъмин намуда, фазои фарҳангӣ ва ҳунари миллии кишвари моро пурра дар дохил ва дар арсаи байналмиллӣ муаррифӣ менамоянд. Ҳамзамон, боиси хушнудист, ки бо мақсади рушди санъати театрӣ ва тарбияи маънавии ҷомеа соли 2003 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавӣ таъсис дода шуд.

Дар рисола қайд шудааст, ки театрҳо тавассути таҳия намудани асарҳои наву ҷолиби диданӣ, барномаҳои рангини консертӣ, сафарҳои ҳунарӣ, инчунин иштироки фаъолона дар озмуну фестивалҳои дохилию хориҷӣ ба натиҷаҳои назаррас муваффақ гардиданд.

Ин гувоҳи он аст, ки назар ба даҳсолаи аввал дар даҳсолаи дуюми истиқлолият, сатҳу сифат дар кори театрҳои номбурда беҳтар гаштааст.

Диссертатсия бо зербоби "Иштироки театрҳои касбии вилоят дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ" анҷом меёбад.

Муаллиф тибқи маълумотҳои амиқ инъикос менамояд, ки дар даврони истиқлолият соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯи ақлониву зеҳнӣ, ба.нгари таърихи гузаштаву муосир, одобу ахлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуд. Маҳз дар солҳои истиқлолият бо азму талошҳои аҳли фарҳанги кишвар баргузории ҷашнвораҳо, аз қабили Фестивал – озмуни театрии "Парасту", фестивали ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ, фестивалҳои байналмилалии театрии "Наврӯз", "Чодари хаёл" ва амсоли инҳо ба ҳукми анъана даромада, ҳамасола баргузор мегарданд ва ҳамчун як

кишвари тамаддунофари фарҳангсоз шинохта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Дар диссертатсия комёбиҳои ба дастовардаи Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии Кӯлоб ба номи Саидалӣ Ализода, Театри мусиқӣ – мазҳакавии Бохтар ба номи Ато Муҳаммадҷонов, Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии Данғара, Театри вилоятии лӯхтаки "Афсона" – и шаҳри Бохтар дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ таҷассуми худро ёфтаанд.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо боварии комил метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович ба марҳилаи муҳими таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида мешавад. Бешубҳа тазаккур дод, ки вай ҷои холии дар таърихи Тоҷикистон мавҷударо пурра хоҳад кард.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд баён намоям.

1. Мувофиқи мақсад мебуд, робитаҳои фарҳангии театрҳои касбии вилояти Хатлон ва театрҳои касбии хориҷи дуру наздик васеътар инъикос карда мешуд.

2. Дар диссертатсия тайёр кардани мутахассисони соҳаи театрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ нокифоя мавриди таҳлил қарор ёфтааст.

3. Дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Аммо ин эродҳо характери принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои асосии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва корҳои нашргадидаи унвонҷӯ мақоми диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” ба талаботи пешниҳодкардаи Комиссияи олии аттетатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

**Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** Набизода Ваххоб Машраб

**Имзои профессор В.М.Набизодаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** Ҳусейнова З.С.

20 майи с.2024

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбек 1, ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Тел: (+992) 92 – 803 – 00 – 01
E – mail: v.m.nabiev@mail.ru